

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

№33 (4929)

ДУШАНБЕ,
17 МАРТИ СОЛИ 2025

Аз 1 январи соли 1991
чоп мешавад

www.sadoimardum.tj




## МУЛОҚОТИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ БО ДАБИРИ КУЛЛИ СҲШ

**14-уми марти соли 2025 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Дабири кулли Созмони ҳамкории Шанхай Нурлан Ермекбаевро ба ҳузур пазируфтанд.**

Дар мулоқот ҳамкории бисёрҷонибаи давлатҳои аъзои Созмони ҳамкории Шанхай баррасӣ шуд.

Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз фаъолияти пурсамари СҲШ давоми 24 сол ва ҳамкории кишварҳои аъзо изҳори қаноатмандӣ намуданд. Таъкид гардид, ки «Тоҷикистон аз раванди навсозии ҳамаҷонибаи Созмони ҳамкории Шанхай, ки бо қарори сарони давлатҳои аъзо оғоз ёфтааст, фаъолона дастгирӣ менамояд».

Ба рушди ҳамкории кишварҳои аъзо дар соҳаҳои тиҷорат, иқтисод, молия ва бонкӣ таваҷҷуҳи зиёд зоҳир гардид. Масъалаҳои таъмини амну субот, мубориза бо терроризму экстремизм, сепаратизм, ҷинояткории созмонёфтаи фаромиллӣ ва афзоиши таҳдиду хатарҳо ба минтақа аз мавзуъҳои муҳими суҳбат буд. Ҳамчунин, оид ба татбиқи «Стратегияи рушди иқтисодии Созмони ҳамкории Шанхай то соли 2030» ва аҳамияту афзалияти ташкили Маркази зидди маводи мухаддири СҲШ дар шаҳри Душанбе табодули афкор сурат гирифт.

## ЙОЗЕФ СИКЕЛА ДАР ҲУЗУРИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ



**14-уми марти соли 2025 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Комиссари Иттиҳоди Аврупо оид ба шарикии байналмилалӣ Йозеф Сикеларо ба ҳузур пазируфтанд.**

Дар мулоқот вазъ ва дурнамои робитаҳои Тоҷикистону Иттиҳоди Аврупо, инчунин, масоили мубрами минтақавӣ баррасӣ гардид.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон изҳор доштанд, ки «Тоҷикистон баҳри рушду тавсеаи минбаъдаи ҳамкории гуногунҷанба бо Иттиҳоди Аврупо ва кишварҳои аъзои он талошҳои зарурӣ ба харҷ медиҳад».

Масоили густариши робитаҳо дар соҳаҳои иқтисоду тиҷорат, сармоягузорӣ, саноат, кишоварзӣ, энергетика, хусусан ҷалби маблағ барои татбиқи лоиҳаҳои гидроэнергетикӣ, муҳокима гардида, дастгирӣ ва тақвият додани соҳаҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла тандурустӣ, зарур шуморида шуд.

Таъкид шуд, ки Тоҷикистон ҷонибдори тавсеаи технологияҳои «сабз» мебошад ва дар доираи «Стратегияи рушди «иқтисоди сабз» то соли 2037» азм дорад, ки истеҳсоли неруи барқро пурра аз ҳисоби манбаъҳои таҷдидшаванда ба роҳ монад. Дар ин замина афзоиши тавлиди энергияи «сабз» яке аз роҳҳои асосии табдил додани Тоҷикистон ба кишвари «сабз» маънидод шуд.

Ҳамкории Тоҷикистон бо Иттиҳоди Аврупо дар чаҳорчӯби барномаҳои БОМКА, КАДАП ва ЛЕЙКА таъкид гардид.

Ташаббусҳои ҷаҳонии Тоҷикистон оид ба ҳалли мушкилоти глобалӣ, ҳамкорӣ дар мубориза ба хавфу таҳдидҳои амниятию муҳитзистӣ, муқовимат бо пайомадҳои тағйирёбии иқлим ва дигар масоили мавриди таваҷҷуҳ низ аз мавзуъҳои суҳбат буд.

**www.prezident.tj**





## ИҶЛОСИЯИ ЯКУМИ МАҶЛИСИ ВАКИЛОНИ ХАЛҚИ ШАҲРИ ДУШАНБЕ ДАЪВАТИ ҲАФТУМ БАРГУЗОР ГАРДИД

**14-уми марти соли 2025 дар Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе Иҷлосияи якуми Маҷлиси вакилони халқи шаҳри Душанбе даъвати ҳафтум баргузор гардид. Дар ин хусус аз шуъбаи иттилоотии дастгоҳи Раиси шаҳри Душанбе хабар доданд.**

Дар кори иҷлосия Раиси шаҳри Душанбе, раиси комиссияи шаҳрии интихобот оид ба интихоботи Маҷлиси вакилони халқи шаҳри Душанбе, муовини якум, муовинон, роҳбари дастгоҳи Раиси шаҳр, сардорони воҳидҳои сохтории дастгоҳ, раисони ноҳияҳои шаҳр, сардорони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, сохторҳои маҳаллии мақомоти марказии ҳокимияти иҷроия ва намояндагони воситаҳои ахбори омма иштирок доштанд.

Дар оғоз вакилон котиботи иҷлосияро интихоб намуда, масъалаҳои рӯзнома ва тартиби кори онро тасдиқ намуданд. Нахуст раиси комиссияи шаҳрии интихобот оид ба интихоботи Маҷлиси вакилони халқи шаҳри Душанбе Аламхон Қурбонзода иттилоъ дод, ки бо мақсади дар сатҳи баланди сиёсию ташкилӣ баргузор намудани интихоботи Маҷлиси вакилони халқи шаҳри Душанбе дар пойтахт 70 комиссияи ҳавзавӣ ва 254 комиссияи участкавии интихобот таъсис дода шуд.

Аз теъдоди умумии 536 ҳазору 648 нафар интихобкунанда дар интихобот 480 ҳазору 472 нафар иштирок карданд, ки 89,5 фоизро ташкил дод. Аз ҷониби ҳизбҳои сиёсӣ ва ба тариқи худпешбарӣ дар 70 ҳавзаи шаҳрӣ 214 номзад ба Маҷлиси вакилони халқи шаҳри Душанбе пешбарӣ ва номнавис гардиданд.

Дар натиҷаи овоздиҳӣ 2 марти соли 2025-ум 70 нафар номзаде, ки аз нисф зиёди овозҳои интихобкунандагонро ба даст оварданд, ба дарёфти ваколати вакилӣ сазовор гардиданд.

Ҳамин тавр, ба ҳайати вакилон 9 нафар аз соҳаи сохтмон, 11 нафар аз соҳаи илму маориф, 26 нафар аз соҳаи иқтисоду молия, 10 нафар ҳуқуқшинос, 7 нафар аз соҳаи тандурустӣ ва 7 вакил аз дигар соҳаҳо интихоб гардиданд.

Аз ин шумора 44,2 фоиз ё 31 нафарашонро занон ташкил медиҳанд.

**(Давомаш дар саҳ. 2)**

## ИТТИЛОИЯ

**19-уми марти соли 2025 дар шаҳри Душанбе ҷаласаи якуми Иҷлосияи якуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати ҳафтум баргузор мегардад.**

Иҷлосияи якуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати ҳафтум соати $10^{00}$ дар толори маҷлисгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон доир карда мешавад.

Вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 18-уми марти соли равон аз соати $8^{00}$ то $17^{00}$ дар ошёнаи якум, ҳуҷраи 1 бинои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта мешаванд. Телефонҳо барои маълумот: 221-30-84, 221-13-77.

Ёдовар мешавем, ки 6-уми марти соли равон Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи даъвати Иҷлосияи якуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати ҳафтум» ба имзо расид.



## ҶАЛАСАИ ШУРОИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОН

**Ҳабдаҳуми марти соли 2025 таҳти раёсати Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода ҷаласаи навбатии Шурои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.**

Дар он масъалаҳо «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2025», «Дар хусуси Созишнома байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон дар бораи сохтмон ва истифодабарии роҳҳои автомобилгард, ободонӣ ва истифодаи чорроҳаи автомобилгард», «Дар хусуси Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Девони вазирони Ҷумҳурии Қирғизистон дар бораи таъмини дастрасӣ ба объектҳои хоҷагии об ва энергетикӣ», «Дар хусуси Шартнома байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон дар бораи сарҳади давлатии Тоҷикистону Қирғизистон» ва «Дар хусуси Созишнома оид ба маблағгузорӣ (кумаки техникӣ барои маблағгузории лоиҳаи Неругоҳи барқи обии «Роғун») байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ассотсиатсияи байналмилалии рушд» мавриди баррасӣ қарор гирифта, ба ҷаласаи навбатии Иҷлосияи шашуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум пешниҳод гардид.

Масъалаҳо «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хариди давлатӣ» ва «Дар хусуси Созишнома дар бораи таҳкими алоқаи байниҳамдигарии нақлиёти рӯйизаминӣ дар Осиёи Марказӣ» барои додани хулоса ба кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон пешниҳод карда шуданд.

Шурои Маҷлиси намояндагон, ҳамчунин, «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзномаи ҷаласаи навбатии Иҷлосияи шашуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум» қарор қабул кард.

**«Садои мардум»**



# ИҚДОМИ ТАЪРИХӢ

## ИСТИҚБОЛИ ҶОМЕАИ ҶАҲОНӢ АЗ ИМЗОИ ШАРТНОМА БАЙНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА ҶУМҲУРИИ ҚИРҒИЗИСТОН ДАР БОРАИ САРҲАДИ ДАВЛАТӢ

Сафари давлатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Ҷумҳурии Қирғизистон, ки 12-13-уми марти соли 2025 анҷом дода шуд, ҳамаи самтҳои ҳамкорӣ бо ин кишвари ҳамсояро ба марҳилаи нав ворид кард. Натиҷаи сафари давлатии мазкур ва таъсири он ба манфиати халқҳои ҳар ду кишвар он қадар сареъ буд, ки шаҳрвандони ҳар ду давлати ҳамсояро болидаруҳ намуд. Аз ҷумла, маросими бозкушоии ду гузаргоҳ дар сарҳади давлатии Тоҷикистон ва Қирғизистон, ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Ҷумҳурии Қирғизистон муҳтарам Садир Жапаров дар он маҷозӣ иштирок намуданд, шабеҳи як ид буд. Мувофиқи амри сарони ду давлат рафтуомади нақлиёти заминӣ ва ҳавоӣ барқарор гардид. 14-уми марти соли равон Ширкати ҳавопаймоии «Сомон Эйр» дар хатсайри мустақими ҳавоӣ дар самти Душанбе-Бишкек-Душанбе парвози нахустинро анҷом дод.

Ҳодисаи фараҳбахши асосӣ, ки зимни сафари давлатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Ҷумҳурии Қирғизистон ба вуқӯъ пайваст, имзои Шартнома байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон дар бораи сарҳади давлатӣ буд. Имзои шартномаи мазкур ба истиқболи густурдаи шаҳрвандони ҳар ду давлат ва роҳбарони созмонҳои бонуфузи ҷаҳониву минтақавӣ ва давлатҳои хориҷи дуру наздик рӯ ба рӯ шуд. Аз ҷумла, Дабири кулли Созмони Милали Муттаҳид Антониу Гутерриш аз имзои Шартнома дар бораи сарҳади давлатӣ аз ҷониби президентҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон самимона истиқбол намуда, ба ҳамкории устувори созанда байни ду давлат барои таҳкими эътимоди мутақобил, муносибатҳои неки ҳамсоягӣ ваояндаи осоиштаи мардумони онҳо ва тамоми минтақа изҳори умед кард.

Дабири кулли Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил Сергей Лебедев Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Шурои сарони давлатҳои ИДМ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Ҷумҳурии Қирғизистон Садир Жапаровро бо имзои Шартнома байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон дар бораи сарҳади давлатӣ самимона табрик гуфта, изҳори боварӣ намудааст, ки татбиқи амалии муқаррароти шартнома ба таҳкими муносибатҳои некуҳамсоягии Тоҷикистону Қирғизистон дар асоси эҳтироми тарафайн, эътимод ва баробарҳуқуқӣ мусоидат хоҳад кард.

Ба андешаи Сергей Лебедев, баимзорасии шартнома заминаи зарурии рушди минбаъдаи ҳамкории дуҷонибаи бисёрҷанба буда, ба манфиатҳои аслии ҳар ду кишвар, инчунин, Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, дар маҷмуъ, ҷавобгӯ мебошад.

Созмони ҳамкории Шанхай низ ба имзо расидани Шартнома байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон дар бораи сарҳади давлатиро, ки таҷассумгари иродаи неки тарафҳо оид ба ҳалли масъалаҳо бо роҳи осоишта дар руҳияи машваратҳои баробар, ҳамдигарфаҳмӣ ва эҳтиром мебошад, истиқбол намудааст. «Давлатҳои аъзои Созмони ҳамкории Шанхай аҳамияти хосаи шартномаи имзошударо таъкид намуда, онро саҳми арзанда дар пойдории сулҳ, таъмини амният ва субот дар фазои Созмони ҳамкории Шанхай арзёбӣ менамоянд», - гуфта шудааст дар баёнияи котиботи Созмони ҳамкории Шанхай.

Котиботи Созмони Аҳдномаи амнияти дастҷамъӣ аз имзои Шартнома байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон дар бораи сарҳади давлатӣ истиқбол намуда, таъкид кардааст, ки бо шарофати талошҳои пайваста ва иродаи сиёсии сарони ду давлат имкон пайдо шуд, ки оид ба гузариши хати сарҳади давлатӣ дар тамоми дарозии қариб ҳазоркилометрии он созиш ҳосил шавад.

Иттиҳоди Аврупо имзои Шартнома байни Тоҷикистон ва Қирғизистон оид ба сарҳади давлатиро лаҳзаи муҳим ва қадами бузург ба пеш шуморидааст.

Котиботи генералии Созмони ҳамкории исломӣ низ баимзорасии Шартнома оид ба демаркатсияи сарҳад байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистонро самимона истиқбол кардааст. Дабири кулли Созмони ҳамкории исломӣ Ҳусайн Иброҳим Тоҳо ҳар ду мамлакатро бо ин дастоварди таърихӣ табрик гуфта изҳор доштааст, ки ин иқдом саҳифаи ихтилофоти чандинсолаи байни ду кишварро мебандад, ҳамдигарфаҳмӣ ва ҳамоҳангии байни онҳоро барқарор мекунад, эътимоди тарафайнро тақвият медиҳад ва ба ҳамкорӣ ва муносибатҳои неки ҳамсоягии ду кишвари бародар такони нав мебахшад.

Федератсияи Россия бо истиқбол аз Шартнома байни Тоҷикистон ва Қирғизистон дар бораи сарҳади давлатӣ изҳорот пахш кардааст, ки дар он гуфта мешавад: «Баимзорасии ин санади муҳим бо шарофати иродаи сиёсии роҳбарони ҳар ду давлат ва заҳмати тӯлонии ҳайатҳои ҳукуматӣ дар масъалаи таъин ва аломатгузории марз имконпазир гардид... Шубҳае нест, ки татбиқи шартнома ба таҳкими суботу амният дар минтақаи Осиёи Марказӣ мусоидат намуда, муносибатҳо байни иттифоқчиён ва шарикони стратегии Россия – Тоҷикистон ва Қирғизистон ба сатҳи сифатан нав мебароянд».

Ҷумҳурии Мардумии Чин Тоҷикистону Қирғизистонро ба муносибати имзои Шартнома дар бораи сарҳади давлатӣ табрик гуфта, ба нақши калидии роҳбарони ду кишвар дар ҳалли мусолиматомези масъалаи сарҳад тавассути музокирот баҳои баланд медиҳад. «Он ба сулҳ, субот, рушд ва шукуфоӣ дар минтақа мусоидат мекунад», - таъкид кардааст намояндаи расмии Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Мардумии Чин Мао Нин.

Ҷумҳурии Исломии Эрон Шартнома байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон оид ба сарҳади давлатиро истиқбол намудааст. Сухангӯи Вазорати корҳои хориҷии Эрон Исмоил Бақоӣ таъкид намудааст, ки шартнома самаранокии дипломатияро дар ҳалли баҳсҳои байни кишварҳо ҳангоми риоя ва ҳимояи манфиатҳо ва шаъну шарафи тарафайн нишон медиҳад.

Иёлоти Муттаҳидаи Амрико Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистонро дар мавриди имзои санади таърихӣ – Шартнома дар бораи сарҳади давлатӣ оид ба муайян ва аломатгузории тамоми хати марзи ду кишвар табрик кардааст. Сухангӯи Департаменти давлатии ИМА Тэмми Брюс изҳор намудааст, ки «Ин дастовард нишондиҳандаи тааҳҳуди ду давлат барои дипломатия ва суботи минтақавӣ мебошад».

Фаронса низ имзои созишномаи ниҳоӣ дар бораи аломатгузории марзи байни Ҷумҳурии Қирғизистон ва Ҷумҳурии Тоҷикистонро истиқбол намудааст. «Ин шартнома, ки раванди тӯлониро ба анҷом расонд, як нишонаи муҳим барои сулҳу субот ва идомаи ҳамкории минтақавии панҷ кишвари Осиёи Марказӣ мебошад. Кушодани сарҳадҳо ин қадами муҳим дар роҳи таҳкими мубодилаи мардум ва иқтисодӣ мебошад», - таъкид гардидааст дар изҳороти ин кишвар.

Аморoти Муттаҳидаи Араб аз тавофуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон дар мавриди таъини марз байни ду давлат истиқбол карда, пуштибонии худро аз саъю талошҳо баҳри таъмини сулҳу шукуфоӣ таъкид намудааст. Вазорати корҳои хориҷии Аморати Муттаҳидаи Араб дар баёнияи худ изҳори умед намудааст, ки ин иқдом ба таҳкими пойдорӣ, ҳамкории созанда, инчунин, рушд ва сулҳу субот дар сатҳи минтақавӣ ва байналмилалӣ ба манфиати ду мамлакати дӯст ва мардумони онҳо мусоидат намуда, барои манофеи муштарак хидмат хоҳад кард.

Давлати Қатар низ имзои Шартнома байни Тоҷикистон ва Қирғизистон оид ба сарҳади давлатиро дар таҳкими амнияту субот муҳим дониста, азми ҳар ду мамлакат ва талошҳои онҳоро барои ҳалли масъалаҳо тавассути муколама баланд арзёбӣ намудааст.

Шоҳигарии Арабистони Саудӣ созишномаи демаркатсияи сарҳадӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистонро истиқбол намудааст. «Подшоҳӣ ҳукуматҳо ва халқҳои Тоҷикистону Қирғизистонро бо имзои созишнома самимона табрик гуфта, ба ду давлат ва халқҳои бародар суботу шукуфоии минбаъда таманно дорад», - омадааст дар изҳороти Вазорати корҳои хориҷии Шоҳигарии Арабистони Саудӣ.

Ҳамин тариқ, Ҷумҳурии Исломии Покистон, Ҷумҳурии Туркия, Шоҳигарии Баҳрайн ва Давлати Кувайт низ имзои Шартнома байни Тоҷикистон ва Қирғизистон оид ба сарҳади давлатиро истиқбол намудаанд. Давлатҳо аз ин иқдом, ки ба тақвияти муносибатҳо байни ду давлат нигаронида шудааст, ситоиш ва умедворӣ кардаанд, ки ин тавофуқ ба пойдории сулҳу субот ва пешрафти мардумони Тоҷикистону Қирғизистони дӯст мусоидат хоҳад кард.

Ёдовар мешавем, ки 13 март зимни сафари давлатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Ҷумҳурии Қирғизистон аз рӯйи натиҷаҳои мулоқоту музокироти сатҳи олии Тоҷикистону Қирғизистон сарони давлатҳо муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва муҳтарам Садир Жапаров зери Изҳороти муштарак доир ба таҳкими минбаъдаи риштаҳои дӯстӣ ва некуҳамсоягӣ ва Шартнома байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон дар бораи сарҳади давлатӣ имзо гузоштанд, ки ин иқдоми наҷиб на танҳо аз ҷониби шаҳрвандони ҳар ду давлат, балки аз тарафи кишварҳо, созмонҳои байналмилалӣ ва ҷомеаи ҷаҳонӣ гарму самимӣ истиқбол шуд.

**Шариф АТОБУЛЛОЕВ,
«Садои мардум»**

# ШИНОСОИИ РУСТАМИ ЭМОМАЛӢ БО РАФТИ СОХТМОНИ ИНШООТ ДАР ПОЙТАХТ

**14-уми марти соли 2025 Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ дар маҳаллаи Ҳабиб Аҳрории пойтахт бо рафти сохтмони маҷмааи шаҳраки олимақом шинос шуда, ҳамзамон, аз намоишгоҳи масолеҳи сохтмонӣ дидан намуданд.**




Дар намоишгоҳи мазкур беш аз 40 ширкати ватанию хориҷӣ маҳсулоти хешро ба намоиш гузоштанд.

Зимни шиносоӣ Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ ба сохтмончиён дастур доданд, ки дар бунёди биноҳо аз масолеҳи сохтмонии аълосифат истифода намоянд, то ки хонаҳои дар оянда бунёдшаванда барои зиндагии арзанда созгор бошад. Инчунин, ба соҳибкорон бо мақсади коҳиш додани воридоти масолеҳи сохтмонӣ дастуру супоришҳо дода шуд, ки корхонаҳои нави ватанӣ таъсис диҳанд.

Ёдовар мешавем, ки давоми солҳои охир таҳти роҳбарии ободкоронаи Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ пойтахти мамлакат симои худро куллан дигар кардааст. Қомат афрохтани биноҳои хуштарҳу замонавӣ ба симои шаҳр зебоии хосе зам сохта, таваҷҷуҳи сайёҳони хориҷиро ба худ ҷалб намудааст.

# ИҶЛОСИЯИ ЯКУМИ МАҶЛИСИ ВАКИЛОНИ ХАЛҚИ ШАҲРИ ДУШАНБЕ ДАЪВАТИ ҲАФТУМ БАРГУЗОР ГАРДИД

**(Идома аз саҳ. 1)**

Аз лиҳози ҳайати ҳизбӣ ба Маҷлиси вакилони халқи шаҳри Душанбе 60 нафар аз Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон, 1 нафар аз Ҳизби коммунисти Тоҷикистон, 1 нафар аз Ҳизби сотсиалистии Тоҷикистон, 2 нафар аз Ҳизби ислоҳоти иқтисодии Тоҷикистон, 1 нафар аз Ҳизби аграрии Тоҷикистон, 1 нафар аз Ҳизби демократи Тоҷикистон, 3 нафар ғайриҳизбӣ ва 1 нафар ба тариқи худпешбарӣ дохил мебошанд.

Пас аз гузориши раиси комиссияи шаҳрии интихобот Маҷлиси вакилони халқи шаҳри Душанбе даъвати ҳафтум ваколати вакилони навинтихобшударо тасдиқ намуд.

Вакилони тозаинтихоб тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи вазъи ҳуқуқии вакилони Маҷлиси вакили халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия» дар Иҷлосияи якуми Маҷлиси вакилони халқи шаҳри Душанбе савганд ёд карданд.

Дар иҷлосия аввалин шуда Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ савганд ёд карда, дигар вакилон аз рӯи шумораи тартиби ҳавзаҳо ин маросимро ба ҷо оварданд.

Сипас вакилони халқ Дастури Маҷлиси вакилони халқи шаҳри Душанбе ва Низомномаи комиссияҳои доимӣ ва муваққатии Маҷлиси вакилони халқи шаҳри Душанберо тасдиқ намуданд.

Дар иҷлосия 12 комиссияи доимии Маҷлиси вакилони халқи шаҳри Душанбе, аз ҷумла оид ба таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, мубориза бар зидди коррупсия, рушди иқтисодию иҷтимоӣ, соҳибкорӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷирати меҳнатӣ, буҷет ва идораю ихтиёрдории моликияти коммуналӣ, нақлиёт, коммуникатсия ва беҳдошти роҳҳо, меъморӣ, шаҳрсозӣ, сохтмон ва ободонӣ, ҳифзи муҳити зист, санитарӣ ва байторӣ, фарҳанг, маориф, илм ва инноватсия, саноат ва энергетика, сиёсати ҷавонон, рушди варзиш ва сайёҳӣ, масъалаҳои гендерӣ, тандурустӣ, ҳифзи модар ва кӯдак, ҳамкорӣ бо мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ, ҳизбҳои сиёсӣ, воситаҳои ахбори омма, ташкилоти ғайриҳукуматӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятию динӣ, инчунин, назорати риояи дастури Маҷлиси вакилони халқ таъсис ёфта, раис ва аъзои онҳо интихоб гардиданд. Ҳамчунин, комиссияҳои муваққатии Маҷлиси вакилони халқи шаҳри Душанбе оид ба номгузорӣ ва номивазкунии маҳаллаву кӯчаҳо, майдону хиёбонҳо, боғу пулҳо ва дигар қисмҳои таркибии маҳалҳои аҳолинишини шаҳри Душанбе ва доир ба татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» таъсис дода шуданд.

Дар иҷлосия, ҳамзамон, масъалаи пешбарии номзад ба узвияти Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳавзаи интихоботии шаҳри Душанбе мавриди баррасӣ қарор гирифт.

Вакилони Маҷлиси вакилони халқи шаҳри Душанбе номзадии Рустами Эмомалӣ - Раиси шаҳри Душанберо ба узвияти Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳавзаи интихоботии шаҳри Душанбе пешбарӣ намуданд.

Пас аз овоздиҳии пинҳонӣ Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ бо дарёфти аксар овозҳо аз ҳавзаи интихоботии шаҳри Душанбе якдилона ба узвияти Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб гардиданд.

Иҷлосияи якуми Маҷлиси вакилони халқи шаҳри Душанбе даъвати ҳафтум якчанд қарори қабулнамудаи Раиси шаҳри Душанберо баррасӣ ва тасдиқ кард.

Аз рӯи ҳамаи масъалаҳои муҳокимашуда қарорҳои дахлдор қабул гардид.

Дар фарҷоми кори иҷлосия Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ вакилони тозаинтихоби Маҷлиси вакилони халқи Душанбе даъвати ҳафтумро ба муносибати оғози фаъолияташон табрик намуданд ва барои содиқонаю софдилона бо дарки масъулият хизмат намудан ба халқ аз онҳо даъват ба амал оварданд.

Инчунин, муҳтарам Рустами Эмомалӣ ҳозиринро ба муносибати Ҷашни байналмилалии Наврӯз табрику шодбош гуфта, изҳори боварӣ намуданд, ки мардуми сарбаланди пойтахт бо баргузории ҳашарҳои дастҷамъона ва корҳои созандагию ободонӣ боз ҳам дар ободу зебо гардонидани давлати азизамон саҳми арзанда мегузоранд.

**Ш. ҲУСЕЙНЗОДА, «Садои мардум»**

# НАМУНАИ БЕНАЗИР

**Сафари давлатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Ҷумҳурии Қирғизистон дар равобити ду кишвар рӯйдоди таърихӣ ба ҳисоб рафта, саҳифаи нави ҳамкориҳои фарогир ва мутақобалан судмандро ифтитоҳ намуд, ки он бо ҳарфҳои заррин дар таърихи ҳамкориҳои ду кишвар навишта мешавад.**

Ин сафар бозкушои дарвозаи ҳамкорӣ ва дӯстӣ миёни ду кишвар ба ҳисоб рафта, самараи он ба имзо расидани 16 санади ҳамкорӣ дар соҳаҳои гуногун ҷиҳати ҳалли масоили байнидавлатӣ, аз ҷумла шартномаи таърихӣ оид ба сарҳади давлатӣ, миёни ду кишвари ҳамсоя ба ҳисоб меравад.

Бояд махсус зикр намоем, ки дар раванди ин сафар миёни президентҳои ду кишвар изҳороти муштарак оид ба таҳкими минбаъдаи риштаҳои дӯстӣ ва некуҳамсоягӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон ба имзо расид.

Бо роҳи сулҳомез ва пурра ҳал намудани масоили сарҳади давлатӣ миёни Тоҷикистон ва Қирғизистон натиҷаи талошҳои бисёрсолаи ҷонибҳо ба шумор рафта, ниҳоят дар рафти сафари давлатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳаллу фасл гардид.

Сафари давлатии Пешвои миллат қуфлкушои ҳама дарҳои ҳамкорӣ миёни Тоҷикистону Қирғизистон буда, ба таҳкими беш аз пеши робитаҳои дӯстӣ ва ҳусни ҳамҷаворӣ байни ду кишвар, инчунин, тавсеаи ҳамгироии минбаъда дар минтақа низ суръати тоза мебахшад.

Аз ин рӯ, сафари давлатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Ҷумҳурии Қирғизистон ва ҳалли масоили фарогири байнидавлатиро метавон ҳамчун дастоварди бузурги сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон зери роҳбарии бунёдгузори он муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар соли 2025 арзёбӣ намуд.

Маҳз дар раванди ин сафар ва баъди он ҷонибҳо ба натиҷаҳои назаррас ноил гардиданд, аз ҷумла:

1. Масъалаи сарҳади давлатӣ пурра ҳалли худро ёфт;
2. Фаъолияти гузаргоҳҳои сарҳадӣ барқарор шуд;
3. Хатсайри мустақими парвоз миёни кишварҳо роҳандозӣ гардид;
4. Сафари мутақобилаи шаҳрвандони ду кишвар ба роҳ монда шуд;
5. Гардиши молу маҳсулот ва рафтуомади одамон зиёд мегардад, ки ба тавсеаи ҳамкориҳои тиҷоратӣ мусоидат менамояд;
6. Рушди ҳамлу нақли транзитии мултимодалӣ ва байнимодалӣ байни ду кишвар имконпазир мешавад;
7. Лоиҳаи интиқол ва савдои неруи барқи Осиёи Марказӣ – Осиёи Ҷанубӣ – 1000 (CASA-1000) ҳар чӣ зудтар амалӣ мешавад;
8. Ҳамкориҳои илмию фарҳангӣ, гуманитарӣ, сиёсию амниятӣ ва дигар соҳаҳои мавриди таваҷҷуҳи тарафайн тавсеа меёбанд.

Ҳалли мушкилоти сарҳадӣ миёни Тоҷикистон ва Қирғизистонро метавон ҳамчун рамзи эътимод ва дӯстии тарафайн арзёбӣ намуд, ки як қадами муҳим дар самти ҳамгироии минтақавӣ ва амнияти минтақаи Осиёи Марказӣ ба ҳисоб меравад. Президентҳои ду кишвар изҳор намуданд, ки сарҳади давлатии Тоҷикистон ва Қирғизистон минбаъд сарҳади дӯстии абадии ду кишвар ва ду халқи бародар боқӣ мемонад.

Бояд гуфт, ки ҷониби Тоҷикистон ва Қирғизистон ба ҷомеаи ҷаҳонӣ намунаи олии ҳамкорӣ, ҳамдигарфаҳмӣ, ҳамзистӣ, осоиштагӣ ва ҳамсоягии некро нишон дода, музокиротро ҳамчун роҳи ҳалли низоъ ва мушкилоти сарҳадӣ сармашқи кори худ қарор доданд ва дар як муддати аз нигоҳи таърихӣ хеле кӯтоҳ тавонистанд ҳама мушкилоти ҷойдоштаро ҳал намоянд.

Дар фазои номуайянии низоми муносибатҳои байналмилалӣ, набудани эътимод ва ҳамдигарфаҳмӣ миёни бозингарони ҷаҳонӣ, инчунин, дар шароите, ки низоъҳои фаъол дар нуқтаҳои ҷаҳон идома доранд, Тоҷикистон ва Қирғизистон намунаи беназири ҳамкории байнидавлатиро ба маъраз гузоштанд, ки иштирокчиёни дигари равобити байналмилалӣ метавонанд онро ҳамчун намунаи камназир дар таҷриба ва амалияи сиёсати хориҷии худ истифода намоянд.

Дар шароити нооором ва пуртаззоди ҷаҳонӣ бо роҳи сулҳомез танзим гардидани масоили сарҳадӣ миёни ду кишвар барои рушди давлатдории миллии Тоҷикистон дастоварди стратегӣ ба ҳисоб меравад. Таҳлили ин раванди мусбат дар сиёсати хориҷии ду кишвар нишон медиҳад, ки ҷонибҳо зимни ҳалли масоили сарҳадӣ баҳри дарёфти сулҳу субот, ҳамзистии осоишта миёни кишварҳо ва тавсеаи ҳамкориҳои фарогири дуҷониба ва бисёрҷониба, ҳамдигарфаҳмӣ, ҳусни тафоҳум ва ба назар гирифтани манфиатҳои тарафҳоро madди назар қарор доданд, ки омили асосии ноил гардидан ба ин дастовард маҳсуб мешавад. Маҳз технологияи пешбурди гуфтушуниди ҷониби Тоҷикистону Қирғизистон буд, ки тарафҳо ба чунин дастовард ноил гарданд ва ҳузури миёнаравии ҷониби сеюмро зарур нашумориданд. Тавре маълум аст, ки баъзан раванди гуфтушунид дар сатҳи байналмилалӣ ба он оварда мерасонад, ки миёнаравҳо низ манфиатҳои худро дунбол менамоянд ва дар ин ҳолат гуфтушунид метавонад ба бунбаст ворид гардад ё кашол ёбад. Дар таърихи муносибатҳои байналмилалӣ чунин ҳолатҳо хеле зиёданд.

Дар як муддати кӯтоҳ муътадил гардидани равобити Тоҷикистон бо Қирғизистон ва ба даст овардани чунин дастоварди корӣ маҳз аз иродаи сиёсии роҳбарияти олии ду кишвар ва касбияти баланди дипломатияи ҷонибҳо шаҳодат медиҳад.

Бо итминон метавон гуфт, ки мардуми ду кишвар аз сафари давлатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Ҷумҳурии Қирғизистон бениҳоят шоданд ва дурнамои ҳамкориҳои минбаъдаи дуҷониба ва бисёрҷонибаро, ки ба манфиати кишварҳо ва халқҳои мо мусоидат мекунад, нек арзёбӣ менамоянд.

**Парвиз МУҲАММАДЗОДА,
доктори илмҳои сиёсӣ,
профессор**

# ДИҚҚАТ, ОЗМУН!

## Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

## барои қабул ба хизмат дар мақомоти гумрук ба мансабҳои зерин озмун эълон мекунад:

**ДАСТГОҲИ МАРКАЗИИ ХАДАМОТ (20)**

**Раёсати ташкилию бозрасӣ**

Шуъбаи таҳлилию ҷамъбастӣ
- нозир – 1 воҳид.

Шуъбаи ташкилию бозрасӣ
- нозир – 1 воҳид.

**Раёсати ташкили назорати гумрукӣ**

Шуъбаи танзими ғайритарифӣ ва назорати содиротӣ
- нозир – 1 воҳид.

**Раёсати ташкили мубориза бар зидди ҳуқуқвайронкуниҳои гумрукӣ**

Шуъбаи пешбурди таҳқиқи ҳуқуқвайронкуниҳои гумрукӣ
- нозир – 1 воҳид.

**Раёсати кадрҳо ва кор бо ҳайати шахсӣ**

Шуъбаи кор бо ҳайати шахсӣ
- нозир – 1 воҳид.

**Раёсати таъмини ҳуқуқӣ**

Шуъбаи ташхиси ҳуқуқӣ
- нозир – 1 воҳид.

Шуъбаи ҳуқуқ
- нозир – 1 воҳид.

**Раёсати назорати баъди барасмиятдарории гумрукӣ ва аудит**

Шуъбаи ташкили идораи таваккал
- нозир – 1 воҳид.

Шуъбаи назорати баъди барасмиятдарории гумрукии молҳои имтиёзнок - нозир – 1 воҳид.

**Маъмурияти системаи иттилоотии автоматонидашудаи ягона**
- нозир – 5 воҳид (барномасоз).

**Шуъбаи оперативии навбатдорӣ**
- нозир – 4 воҳид.

**Лабораторияи гумрукии марказӣ**
- нозир – 1 воҳид.

**Донишкадаи такмили ихтисос**

Кафедраи иқтисод, ҳуқуқ ва фанҳои махсус
- нозир – 1 воҳид.

**РАЁСАТИ МИНТАҚАВИИ ГУМРУКӢ ДАР ШАҲРИ ДУШАНБЕ (26)**

**Шуъбаи коргузорӣ ва назорат**
- нозир – 1 воҳид.

**Шуъбаи ташкили назорати гумрукӣ**
- нозир – 1 воҳид.

**Шуъбаи пардохтҳои гумрукӣ ва назорати арзӣ**
- нозир – 1 воҳид.

**Шуъбаи таҳлил ва омори гумрукӣ**

Бахши СИАЯ
- нозир – 1 воҳид.

**Шуъбаи кадрҳо ва кор бо ҳайати шахсӣ**
- нозир – 1 воҳид.

**Шуъбаи муҳофизати гумрукӣ ва таъминоти низом**
- нозир – 2 воҳид.

**Бахши молиявию хоҷагӣ**
- нозир – 1 воҳид.

**<u>Гумрук дар Фурудгоҳи байналмилалии Душанбе</u>**

Дидбонгоҳи гумрукии назорати мусофирон
- нозир – 13 воҳид.
- нозир-кинолог – 2 воҳид.

**Дидбонгоҳи гумрукии наздисарҳадии Лахш**
- нозир – 2 воҳид.
- нозир-кинолог – 1 воҳид.

**РАЁСАТИ МИНТАҚАВИИ ГУМРУКӢ ДАР ВИЛОЯТИ СУҒД (69)**

**Шуъбаи коргузорӣ ва назорат**
- нозир – 1 воҳид.

**Шуъбаи ташкили назорати гумрукӣ**
- нозир – 1 воҳид.

**Шуъбаи мубориза бар зидди ҳуқуқвайронкуниҳои гумрукӣ**
- нозир – 2 воҳид.

**Шуъбаи таҳлил ва омори гумрукӣ**
- нозир – 1 воҳид.

Бахши СИАЯ
- нозир – 1 воҳид.

**Шуъбаи муҳофизати гумрукӣ ва таъминоти низом**
- нозир – 5 воҳид.

**Гумрук дар «Фурудгоҳи байналмилалии Хуҷанд»**

**<u>Дидбонгоҳи гумрукии назорати мусофирон</u>**
- нозир – 9 воҳид
- нозир - кинолог - 2 воҳид.
- Гурӯҳи мубориза бар зидди ҳуқуқвайронкуниҳои гумрукӣ
- нозир – 1 воҳид.

**Гумрук дар Истгоҳи роҳи оҳани Бобоҷон Ғафуров**

Дидбонгоҳи гумрукӣ дар Истгоҳи роҳи оҳани Спитамен
- нозир - 5 воҳид.

Дидбонгоҳи гумрукӣ дар Истгоҳи роҳи оҳани Конибодом
- нозир - 1 воҳид.

**<u>Гумрук дар шаҳри Хуҷанд</u>**

Дидбонгоҳи гумрукии Овчӣ-Қалъача
- нозир – 3 воҳид.

**<u>Гумрук дар ноҳияи Спитамен</u>**

Дидбонгоҳи гумрукии наздисарҳадии Ҳаштяк
- нозир – 3 воҳид
- нозир-кинолог – 1 воҳид.

**<u>Гумрук дар шаҳри Конибодом</u>**

Дидбонгоҳи гумрукии наздисарҳадии Патар
- нозир – 1 воҳид.

Дидбонгоҳи гумрукии наздисарҳадии Равот
- нозир – 3 воҳид.

**<u>Гумрук дар ноҳияи Ҷаббор Расулов</u>**

Дидбонгоҳи гумрукии наздисарҳадии Мадания́т
- нозир – 3 воҳид
- нозир-кинолог – 1 воҳид.
- Гурӯҳи мубориза бар зидди ҳуқуқвайронкуниҳои гумрукӣ
- нозир – 1 воҳид.

**<u>Гумрук дар ноҳияи Ашт</u>**

Дидбонгоҳи гумрукии наздисарҳадии Навбунёд
- нозир – 3 воҳид
- нозир-кинолог – 1 воҳид.

**<u>Гумрук дар ноҳияи Мастчоҳ</u>**

Дидбонгоҳи гумрукии наздисарҳадии Фотеҳобод
- нозир – 3 воҳид
- нозир-кинолог – 1 воҳид.

**<u>Гумрук дар ноҳияи Зафаробод</u>**

Дидбонгоҳи гумрукии наздисарҳадии Зафаробод
- нозир – 3 воҳид
- нозир-кинолог – 1 воҳид.

Дидбонгоҳи гумрукии наздисарҳадии Ҳавотоғ
- нозир – 3 воҳид.

**<u>Гумрук дар шаҳри Истаравшан</u>**

Дидбонгоҳи гумрукии наздисарҳадии Истаравшан
- нозир – 2 воҳид ҷинси зан.

**<u>Гумрук дар шаҳри Исфара</u>**

Дидбонгоҳи гумрукии наздисарҳадии Гулистон
- нозир - 3 воҳид
- нозир-кинолог – 2 воҳид.

**<u>Гумрук дар шаҳри Панҷакент</u>**

Дидбонгоҳи гумрукии наздисарҳадии Саразм
- нозир - 1 воҳид
- нозир-кинолог – 1 воҳид.

**РАЁСАТИ МИНТАҚАВИИ ГУМРУКӢ ДАР ВИЛОЯТИ ХАТЛОН (34)**

**Шуъбаи ташкили назорати гумрукӣ**
- нозир – 1 воҳид.

**Шуъбаи пардохтҳои гумрукӣ ва назорати арзӣ**
- нозир – 1 воҳид.

**Шуъбаи муҳофизати гумрукӣ ва таъминоти низом**
- нозир – 3 воҳид.

**Шуъбаи мушоияти гумрукии мол ва воситаҳои нақлиёт**
- нозир – 2 воҳид.

**<u>Гумруки Панҷи Поён</u>**
- нозир-кинолог – 1 воҳид.

**<u>Гумрук дар ноҳияи Шаҳритус</u>**

Дидбонгоҳи гумрукӣ дар Истгоҳи роҳи оҳани Хошадӣ
- нозир – 2 воҳид
- нозир-кинолог – 1 воҳид.

Дидбонгоҳи гумрукии наздисарҳадии Айвоҷ
- нозир – 2 воҳид
- нозир-кинолог – 1 воҳид.

**<u>Гумрук дар шаҳри Кӯлоб</u>**

Дидбонгоҳи гумрукӣ дар Фурудгоҳи байналмилалии Кӯлоб
- нозир – 4 воҳид
- нозир-кинолог – 2 воҳид.

Дидбонгоҳи гумрукии наздисарҳадии Шоҳон
- нозир – 1 воҳид
- нозир-кинолог – 1 воҳид.

**Дидбонгоҳи гумрукии наздисарҳадии Кокул**
- нозир – 2 воҳид
- нозир-кинолог – 1 воҳид.

**<u>Гумрук дар шаҳри Бохтар</u>**

Дидбонгоҳи гумрукӣ дар Фурудгоҳи байналмилалии Бохтар
- нозир – 3 воҳид.
- нозир-кинолог – 1 воҳид.

**Дидбонгоҳи гумрукӣ дар ноҳияи Данғара**
- нозир – 1 воҳид.

**Дидбонгоҳи гумрукии Минтақаи озоди иқтисодии (МОИ) «Панҷ»**
- нозир – 2 воҳид.

**Дидбонгоҳи гумрукии Минтақаи озоди иқтисодии (МОИ) «Кӯлоб»**
- нозир – 2 воҳид.

**РАЁСАТИ МИНТАҚАВИИ ГУМРУКӢ ДАР ВМКБ (25)**

**Шуъбаи ташкили назорати гумрукӣ**
- нозир – 1 воҳид.

**Шуъбаи мубориза бар зидди ҳуқуқвайронкуниҳои гумрукӣ**
- нозир – 1 воҳид.

**Шуъбаи муҳофизати гумрукӣ ва таъминоти низом**
- нозир – 3 воҳид.

**Шуъбаи мушоияти гумрукии мол ва воситаҳои нақлиёт**
- нозир – 3 воҳид.

**Шуъбаи таҳлил ва омори гумрукӣ**
- нозир – 1 воҳид.

**Дидбонгоҳи гумрукии наздисарҳадии Тем** (шаҳри Хоруғ)
- нозир - 2 воҳид.

**Дидбонгоҳи гумрукии наздисарҳадии Ишкошим** (ноҳияи Ишкошим)
- нозир - 2 воҳид.

**Дидбонгоҳи гумрукии наздисарҳадии Рузвай** (ноҳияи Дарвоз)
- нозир - 2 воҳид.

**Дидбонгоҳи гумрукии наздисарҳадии Хумроғӣ** (ноҳияи Ванҷ)
- нозир - 2 воҳид.

**Гумрук дар ноҳияи Мурғоб**
- нозир - 1 воҳид.

**<u>Дидбонгоҳи гумрукии наздисарҳадии Қизил-Арт</u>** (ноҳияи Мурғоб)
- нозир - 2 воҳид.

**<u>Дидбонгоҳи гумрукии наздисарҳадии Кулма</u>** (ноҳияи Мурғоб)
- нозир - 1 воҳид.

**<u>Дидбонгоҳи гумрукии наздисарҳадии Қизил-работ</u>** (ноҳияи Мурғоб)
- нозир - 2 воҳид.

**Дидбонгоҳи гумрукии наздисарҳадии Лангар** (ноҳияи Ишкошим)
- нозир - 2 воҳид.

**РАЁСАТИ МИНТАҚАВИИ ГУМРУКӢ ДАР ШАҲРИ ТУРСУНЗОДА (17)**

**Шуъбаи ташкили назорати гумрукӣ**
- нозир – 1 воҳид.

**Шуъбаи мубориза бар зидди ҳуқуқвайронкуниҳои гумрукӣ**
- нозир – 1 воҳид.

**Шуъбаи пардохтҳои гумрукӣ ва назорати арзӣ**
- нозир – 1 воҳид.

**Шуъбаи таҳлил ва омори гумрукӣ**
- нозир – 1 воҳид.

**Шуъбаи муҳофизати гумрукӣ ва таъминоти низом**
- нозир – 1 воҳид.

**Дидбонгоҳи гумрукӣ дар истгоҳи роҳи оҳани Регар**
- нозир - 2 воҳид.

**Дидбонгоҳи гумрукии Пахтаобод**
- нозир – 2 воҳид
- нозир-кинолог – 1 воҳид.

**Дидбонгоҳи гумрукӣ дар ҶСК «Ширкати Алюминии Тоҷик»**
- нозир – 1 воҳид.

**Дидбонгоҳи гумрукии наздисарҳадии Дӯстӣ**
- нозир – 3 воҳид
- нозир-кинолог – 1 воҳид.

**Дидбонгоҳи гумрукии наздисарҳадии Ҳисор**
- нозир – 2 воҳид.

1. Талабот барои иштирок дар озмун:
- шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- синну сол аз 20 то 35;
- маълумоти олӣ аз рӯи ихтисоси фаъолияти гумрукӣ;
- вобаста ба мансабҳои дар озмун пешниҳодшуда ихтисосҳои барномасоз, автоматонии системаҳои коркарди иттилоот, ҳуқуқшинос, таҳлил ва омор, молия ва қарз ва ветеринарӣ;
- донистани забонҳои давлатӣ, русӣ ва англисӣ.
- қобилияти кор бо технологияи иттилоотии муосир.
- хизмат дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Маоши вазифавӣ - аз 1435 сомонӣ то 1576 сомонӣ.

